# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23 июли соли 2026, №22**

Барои сазовор донистани Айнулозода Наҳтулло Айнуло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1 - Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.1. - Таърихи ватанӣ.

Диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) 15 апрели соли 2026, протоколи №14-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Айнулозода Наҳтулло Айнуло 25 июли соли 1987 дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таваллуд шудааст. Ӯ соли 2005 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33 -и ноҳияи Ҳамадонӣ ва соли 2010 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯи ихтисоси муаллими фанни таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Солҳои 2015–2017 ҳамчун ассистент, муаллими калони кафедра ва солҳои 2017–2019 мудири кафедраи ҳуқуқи факултети таърих фаъолият намудааст. Солҳои 2019–2022 вазифаи сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро ба ухда дошта, аз 25 июни соли 2022 то ҳол муовини аввал - муовини ректор оид ба корҳои таълимии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Мушовири илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдурашитов Фозил Маматович мебошад.

Муқарризони расмӣ Собирова Қурбонбегим Давлатқадамовна - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад - доктори илмҳои таърих, и.в. профессор, сарходими илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳомидзода Фурқат Муқим - доктори илмҳои таърих, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар - Доишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби муқарриз, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Гадозода Абдукибор имзо шудааст, қайд гардидааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 2 монография ва 29 мақолаи илмӣ оид ба мазмуни диссертатсия дорад, ки аз ин шумора 24 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишороти диссертант нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Ҳамзамон, дар тақриз қайд мегардад, ки диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу наклиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**Монографияҳо**

[1.-М]. Айнулозода, Н.А. Аз таърихи рушди роҳсозӣ дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 20-80-уми асри XX) [Матн] / Н.А. Айнулозода. – Душанбе, 2022. – 144 с.

[2.-М]. Айнулозода, Н.А. Таърихи рушди роҳсозӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ дар Тоҷикистон дар замони шуравӣ [Матн] / Н.А. Айнулозода. – Душанбе, 2025. – 307 с.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд**

[3.-М]. Шарипов, Н. Из истории дорожного строительства на юге Таджикистана (1920-1941 гг.) (на примере Кулябского региона) [Текст] / Н. Шарипов // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2013. – №4-2 (53). – С.201-205. – EDN SAUCQD.

[4.-М]. Шарипов, Н. Развитие дорожного строительства в Кулябском регионе (1946-1960 гг.) [Текст] / Н. Шарипов // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2014. – №1 (56). – С.72-76. – EDN SABYOH.

[5.-М]. Шарипов, Н. История дорожного строительства в Кулябском регионе (1960-1976 гг.) [Текст] / Н. Шарипов // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2014. – №1 (56-2). – С.73-79. – EDN SACIMT.

[6.-М]. Шарипов, Н. Из истории дорожного строительства Кулябского региона в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.) [Текст] / Н. Шарипов, Ш. Шарифов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №3-1. – С.72-75. – EDN XOITPN.

[7.-М]. Шарипов, Н.А. Интенсивное дорожное строительство и развитие транспорта в первой половине XX в. [Текст] / Н.А. Шарипов // Историк. – 2018. – №3 (15). – С.35-39. – EDN BBJXLI.

[8.-М]. Шарипов, Н.А. Вазъи сохтмони роҳҳо дар ноҳияи Восеъ дар солҳои 60–80-уми асри XX [Текст] / Н.А. Шарипов, Р. Рисолати // Вестник Педагогического университета. – 2018. – №5-1 (77). – Р.246-248. – EDN SHMQCA.

[9.-М]. Айнулозода, Н. Аз таърихи сохтмони нақбҳо дар Тоҷикистон [Матн] / Н. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2020. – №1 (84). – Р.234-238. – EDN GYZDUK.

[10.-М]. Айнулозода, Н. Первые шаги Таджикистана по выходу из внутренней и внешней коммуникационной изоляции в годы независимости [Текст] / Н. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2022. – №6-1 (101). – С.286-289. – EDN CGJPUO.

[11.-М]. Айнулозода, Н.А. Аз таърихи пайдоиш ва рушди роҳсозӣ [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №1 (102). – Р.208-211. – EDN BXPEGZ.

[12.-М]. Айнулозода, Н.А. Политика транспортного сектора Таджикистана и его развитие в годы независимости [Текст] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №2 (103). – С.213-216. – EDN VRSJCX.

[13.-М]. Айнулозода, Н.А. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди авиатсияи граждании дар ҶШС Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №5 (106). – Р.227-232. – EDN KPBIIK.

[14.-М]. Айнулозода, Н.А. Рушди авиатсияи гражданӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №5 (106). – Р.245-254. – EDN TQEVNY

[15.-М]. Айнулозода, Н.А. Рушди робитаҳои берунаи Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №6 (107). – Р.200-209. – EDN EMBBSQ.

[16.-М]. Айнулозода, Н.А. Назаре ба таърихи пайдоиш ва рушди роҳи оҳан дар Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Айнулозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №9. – Р.68-75. – EDN AGDTSV.

[17.-М]. Айнулозода, Н.А. Нақши долонҳои байналмилалии нақлиётӣ дар Тоҷикистон: ҳолат, дурнамо ва рушд [Матн] / Н.А. Айнулозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №1. – Р.49-57. – EDN CYQOWE.

[18.-М]. Айнулозода, Н.А. Марҳилаи муҳим дар самти сохтмон ва навсозии роҳҳои мошингарди Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2024. – №1 (108). – Р.202-207. – EDN BTYOAW.

[19.-М]. Айнулозода, Н.А. Инъикоси сохтмону навсозии роҳу пул ва нақбҳо дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олӣ (аз соли 2006 то соли 2023) [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2024. – №2 (109). – Р.205-210. – EDN FTFIJC.

[20.-М]. Айнулозода, Н.А. Из истории развития дорожного хозяйства Таджикской ССР [Текст] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2024. – №4 (111). – С.192-198. – EDN SGNHKO.

[21.-М]. Айнулозода, Н.А. Таъсири лоиҳаҳои стратегӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2024. – №5–6 (112-113). – Р.182-187. – EDN KCYZYA.

[22.-М]. Айнулозода, Н.А. Дорожное хозяйство Таджикистана в период первой и второй пятилетки (1929-1937 гг.) [Текст] / Н.А. Айнулозода // Вестник Таджикского национального университета. – 2025. – №1. – С.74-79. – EDN STHFBL.

[23.-М]. Айнулозода, Н.А. Стратегияҳои нақлиётии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2025. – №2 (115). – Р.236-242. – EDN PEPHGP.

[24.-М]. Айнулозода, Н.А. Таҳлили рушд ва хусусиятҳои асосии соҳаи нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият [Матн] / Н.А. Айнулозода, Ф.М. Абдурашитов // Вестник Педагогического университета. – 2025. – №3 (116). – Р.260-266. – EDN YXABUQ.

[25.-М]. Айнулозода, Н.А. Историческая эволюция транспорта и логистики в Таджикистане: проблемы, возможности и цифровые перспективы [Текст] / Н.А. Айнулозода, Ф.М. Абдурашитов // Вестник Педагогического университета. – 2025. – №4 (117). – С.304-311. – EDN MDTSIA.

[26.-М]. Айнулозода, Н.А. Аҳаммияти таърихӣ-иқтисодии сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб дар таҳкими инфрасохтори нақлиёти Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Айнуллозода // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2025. – №4. (850). – С.14-20 (ISSN 2077-4990)

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табъ расида**

[27.-М]. Айнулозода, А.Н. Қадамҳои нахустини Тоҷикистон барои баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ дар солҳои истиқлолият [Матн] / А.Н. Айнулозода // Истиқлоли давлатӣ: марҳилаи тақдирсоз дар сарнавишти халқи тоҷик (ба муносибати 30-солагии истиқлолияти ҶТ). Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ (шаҳри Душанбе, 4 сентябри соли 2021. – Душанбе, 2021. – С.388-396.

[28.-М]. Айнулозода, А.Н. Роҳсозӣ ва нақлиёти Тоҷикистон: Таърих ва марҳилаҳои асосии рушд [Матн] / А.Н. Айнулозода // Маводи

конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрон ва донишҷуёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба Рӯзи илми тоҷик, эълон гардидани «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030) ва «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» 14-19 апрели соли 2025. – Душанбе, 2025. – С. 26-30.

[29.-М]. Айнулозода, А.Н. Саҳми Пешвои миллат дар рушди соҳаи роҳу нақлиёт ва ҳалли масъалаи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Айнулозода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон дар партави суханронии Пешвои муаззами миллат, Асосугузори сулҳу ваҳдаи миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба «Рӯзи дониш» таҳти унвони «Нақш ва масъулияти омӯзгор дар замони истиқлол» 12 декабри соли 2024. – Душанбе, 2024. – Қ.2. – С.80-86.

[30.-М]. Айнулозода, А.Н. Таъсири инфрасохтор ва нақлиёт ба рушди иқтисоди Тоҷикистон. Ҷанбаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ [Матн] / А.Н. Айнулозода // Конференсияи илмӣ-назариявӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои экологӣ ва роҳҳои иқтисоди сабз дар замони муосир» (Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ байналмилалӣ). – Душанбе, 2025. – С.260-265.

[31.-М]. Айнулозода, А.Н. Саҳми пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди роҳи оҳани Қурғонтеппа – Кӯлоб [Матн] / А.Н. Айнулозода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 29 апрели соли 2025). – Душанбе, 2025. – С.43-49.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

1. **Тақризи Набизода В.М.** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
2. **Тақризи Қурбонов Б. Р.** - доктори илмҳои таърих, ноиби ректор оид ба таълими Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа
3. **Тақризи Ҳоҷибеков Э.Ҳ.** - доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев
4. **Тақризи Пирумшоев М.Ҳ.** - доктори илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
5. **Тақризи Каримзода Осим Қосим** - доктори илмҳои таърих, профессор, директори муассисаи давлатии "Қасри маданияти Арбоб"-и ноҳияи Б.Ғафуров.
6. **Тақризи Абдуғаффор Рауфӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.
7. **Тақризи Раҷабов Р.К.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори

кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо эродҳо вуҷуд надоранд. Дар тақризҳо ҷанбаҳои навгонии натиҷаҳои ба дастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. –Таърихи ватанӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6.1-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ ) ва доир ба масъалаҳои гуногуни роҳу нақлиёт дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар солҳои 1924-2021 коркард карда шуд:

- ***ошкор менамояд, ки р***аванди ба вуҷуд омадан ва тараққӣ ёфтани инфрасохтори соҳаи роҳсозиву нақлиёт аз ҷумлаи заминаҳои бунёдӣ ва муайянкунандаи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳо ба шумор меравад. Шароити Тоҷикистон, ки бо хусусиятҳои мураккаби ҷуғрофӣ, иқлимӣ ва табиати худ фарқ мекунад, аз ин лиҳоз инкишофи соҳаи нақлиёт ва сохтмони роҳҳо яке аз самтҳои аҳаммиятноки сиёсати давлатӣ ва омили муҳимми рушди иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад. Масъалаи бунёди шабакаи устувори роҳҳо ҳанӯз аз замони ташаккули давлатдории миллӣ дар солҳои 20-уми асри XX, ки барои ба ҳам пайвастани минтақаҳои дохилии мамлакат, робита бо ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва кишварҳои ҳамсоя муҳим буд, хусусияти стратегӣ пайдо намуд;

- ***пешниҳод шудааст, ки*** дар солҳои истиқлоли давлатӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар қарор дода шудааст;

-***исбот шудааст,*** ки дар давраи истиқлол бо истифода аз сармоягузории дохилию хориҷӣ ва ҳамкорӣ бо ниҳодҳои байналмилалӣ чандин лоиҳаи муҳимми инфрасохторӣ амалӣ гардиданд. Ба ин лоиҳаҳо бунёди роҳҳои стратегӣ, нақбҳо, пулҳо ва иншооти муҳандисӣ, ҳамчунин ташкили самтҳои нави парвозҳои байналмилалӣ мансуб буда, нақши онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар аҳаммияти хосса доранд;

-***ҷорӣ намудани*** натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои дигари махсус оид ба таърихи давраи навтарин.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** хулосаҳо ва пешниҳоди илмии рисола барои дарки бештари заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ин соҳа дар давраҳои гуногун мусоидат мекунад. Аз нигоҳи илмӣ пажуҳиши мазкур фазои нави таҳқиқотиро дар самти таърихи иқтисодӣ ва нақлиётшиносии кишвар фароҳам оварда, дар баробари таҳлилҳои мавҷуда, бинишҳои навро ба равандҳои рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт пешниҳод менамояд. Ҳамзамон, диссертатсияи мазкур ба такмили илми таърихи иқтисодӣ дар кишвар хизмат намуда, дар таълифи китобҳои дарсӣ, маводди таълимӣ ва монографияҳои соҳавӣ нақши муҳим бозида метавонад. Он метавонад ҳамчун манбаи илмӣ барои муҳаққиқон, мутахассисон, донишҷӯён ва унвонҷӯён дар бахшҳои таърих, нақлиёт, банақшагирӣ ва идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ истифода шавад. Таҳқиқот бо омезиши донишҳои таърихӣ ва таҳлили иқтисодӣ ба рушди назарияи байнисоҳавии таҳқиқи инфрасохтори нақлиётӣ мусоидат мекунад ва барои таҳияи тадқиқотҳои минбаъдаи соҳавӣ заминаи устувор ба вуҷуд меорад;

- ***баён шудани*** таҷрибаи таърихии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар солҳои 1924-2021, ки решаҳои амиқи таърихӣ дошта, дар шароити муосир ба омӯзиши маҷмӯӣ, ҳам аз назари илмӣ ва ҳам амалӣ ниёз дорад;

- ***ошкор гардидани*** вазъи таърихнигории рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт дар Тоҷикистон, заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии роҳу нақлиёт, таъсири ташаккули хоҷагии роҳ ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, таҳлили таҳаввули инфрасохтори роҳсозӣ ва рушди нақлиёти автомобилӣ, таҳқиқи шароити иқтисодӣ ва сиёсие, ки ба шаклгирии шабакаи роҳи оҳан дар солҳои 1920–1940-ум замина гузоштанд, нақши сохтмон ва навсозии роҳҳо дар давраи соҳибистиқлолӣ, аҳаммияти нақбсозӣ ва таъсири стратегӣ ва иқтисодии он, раванди таъмини пайвастшавии минтақаҳо ва беҳсозии иртиботи дохилӣ, рушди нақлиёти роҳи оҳан ва авиатсияи граждании дар давраи истиқлол, нақши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва лоиҳаҳои минтақавии ҳамгироӣ;

- ***омӯхта шудани*** аҳаммияти таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)

-***аз нав такмил додани*** омӯзиши масоили таърихии ташаккул ва руди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд:

***-коркард ва ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмию амалии олимон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маърӯза баён гардидаанд;

- ***муайян карда шуд,*** ки мавод, мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои рисолаи илмӣ дар раванди таълим дар макотиби олии кишвар ба таври васеъ истифода мегарданд. Маводи диссертатсияро метавон дар навиштани асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик истифода намуд. Тавсияҳои илмии рисола ҳамчун пойгоҳи илмӣ барои таҳияи стратегияҳои рушд, тарҳрезии барномаҳои давлатӣ ва муайян намудани сиёсати мақсадноки соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

- ***офарида шуд:*** бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ таҷрибаи таърихии ташаккул ва руди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт.

- ***муаррифӣ карда шуд:*** таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар замони шуравӣ ва давраи истиқлолият.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки** дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

-***гояи*** таҳқиқот дар заминаи ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатгузории соҳавӣ ва адабиёти илмӣ вобаста буда, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ ***асоснок шудааст;***

- ***истифода шудаанд:*** маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, маводи мақомоти ҳукуматӣ ва ташкилоту муассисаҳое, ки фаъолияти онҳо бевосита ба соҳаи роҳу нақлиёт бахшида шудааст, асарҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ;

- ***муайян шудаанд:*** равобити функсионалӣ ва ҳамоҳангии сохтории навъҳои гуногуни нақлиёт (мошингард, роҳи оҳан, ҳавоӣ) ва таъсири он ба рушди иқтисоди миллӣ, таҳия ва амалӣ сохтани стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт, зарурати ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, бо техника таъмин шудани равандҳои сохтмон ва нақбсозӣ ҳамчун омили муассир ва мусоид барои таҳкими рушди устувори инфрасохтори нақлиётӣ, таъсири ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар давраи истиқлол, ҷалби манбаъҳои молиявӣ, аз ҷумла сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои рушди самараноки соҳаи нақлиёт, иштироки фаъол ва пайвастаи роҳбарияти олии сиёсӣ дар татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ;

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои гуногуни таҳқиқи илмӣ, аз ҷумла методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ, таърихӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва ғайра. Принсипи таърихият ҳамчун яке аз асосҳои меҳварии методологияи таҳқиқот эътироф мешавад. Он имконият фароҳам меорад, ки равишҳо ва механизмҳои вобаста ба рушди соҳаи роҳу нақлиёт дар иртибот ба воқеиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ

ва сиёсӣ, ҳамчунин, дар пайванди замонӣ ва марҳилавӣ мавриди омӯзиш қарор гиранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти мазкур** пеш аз ҳама дар интихоби мавзуъ, муайян намудани доираи масъалаҳои таҳқиқшаванда ва таҳияи консепсияи умумии диссертатсия ифода меёбад. Муаллиф бо такя ба омӯзиши васеи сарчашмаҳои таърихӣ, маводди бойгонӣ, санадҳои расмӣ, омори таърихӣ ва адабиёти илмӣ кӯшиш намудааст, ки раванди ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистонро дар давраи тақрибан як садсолаи таърихӣ ба таври мукаммал ва низомманд мавриди таҳлил қарор диҳад.

Навгониҳои илмии диссертатсия бо ҳадафҳои илмӣ, ки ба дифоъ пешниҳод карда мешаванд, дар таҳияи монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маърӯза дар конфренсияҳои илмию амалӣ, таҳияи китобҳо, барнома, дастуру воситаҳои таълимӣ дар муассисаҳои олӣ мақоми арзанда дорад. Ҳамзамон, сабки таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби нигориши диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлилу баррасии масъалаҳо мақсад ва вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, дар навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо саҳми шахсии худро гузоштааст. Муаллиф дар такя ба осори илмии таърихии давраҳои шуравӣ ва истиқлолият андешаҳои хешро нисбат ба масоили ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт баён намуда, хулосабарорӣ кардааст.

Дар маҷлиси 23 июли соли 2026 (аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар ҳузур доштанд ( 1 нафар ба таври маҷозӣ)) шурои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Айнулозода Наҳтулло Айнулло дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1 - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар бо ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ 5 нафар. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих, дотсент Муродзода А.А.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори фалсафа
(PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих Мирзоев Ш.Ҷ.
23 июли соли 2026